# 103433 - Ҳукми намоз бо либосҳои танг

## савол

Ҳукми намоз бо либосҳои танг чист? Оё касе, ки либоси танг мепӯшад, метавонад ба мардум имоматӣ бикунад?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Пӯшидани либосҳои танг ҳам барои мардон ва ҳам барои занон макруҳ аст. Машрӯъ он аст, ки либос миёна бошад, на он қадар танг бошад, ки шакли авратро намоён созад ва на он қадар васеъ, балки байни он ду бошад.

Аммо намозе, ки бо чунин либос хонда мешавад, агар авратро бипӯшонад, дуруст аст, вале пӯшидани ин гуна либосҳои танг барои мардону занони мӯъмин макруҳ аст. Либос бояд миёна, байни тангу васеъ бошад. Ин ҳамон чизест, ки сазовор аст". Поёни сухан.

"Маҷмуъу фатово"-и Шайх Ибни Боз (29/217).